ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Дилшоди Ҳабибулло дар мавзӯи “Тағйирпазии генотипии генотипии аломатҳои аз ҷиҳати хоҷагидорӣ фоиданок дар баъзе навъҳои гандум ва ҳамавлоди ёбоии онҳо дар шароити водии Ҳисор” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз руи ихтисоси 6D060707 – генетика.

Рисолаи мазкур, ба масоили аз ҷиҳати генетикию селексионӣ ниҳоят муҳим, яъне таҳқиқу омӯзиши нишондодҳои морфологии сохтори элементҳои хӯша, маҳсулнокӣ ва сифати биохимиявии дони 9 навъи ояндадори гандум ва 4 намуди авлоди бузгандум, ки дар табиати Тоҷикистон меруянд, бо назардошти тобоварии онҳо ба занбурӯғи занги зард, бахшида шудааст. Дар натиҷаи омӯзиши амиқ муайян карда шудааст, ки навъҳои Садоқат, Шумон, Ормон ба занбурӯғи занги зард ва навъи гандуми сахт Шамъ ба таъсири нурафканиши Co_{60} тобоварии зиёд дошта, онҳоро селексионерон метавонанд ҳамчун маводи ибтидоӣ дар ба вуҷуд овардани навъҳои навин истифода баранд. Инчунин, намунаи дурагаи собити гандуми навъи Ҷагер х *Ae. tauschii* аз ҷиҳати маҳсулнокӣ, сифати биохимиявии дон ва тобоварӣ ба занги зард омӯхта шуда, бартарии он аз рӯи нишондодҳои омӯхташуда ошкор карда шудааст. Натиҷаҳои бадастоварда шуда бо ҳисобу натиҷагии биометрикӣ асоснок карда шуда, хулосаҳои аз омӯзиш бароварда шуда бо дақиқӣ ва амиқии мазмун аҳамияти илмию амали мебошанд.

Умуман, дар кори диссертатсионӣ миқдори зиёди маводҳои таҷрибавӣ мавҷуд аст, ки онҳо аҳамияти илмӣ ва амалӣ доранд. Аз рӯи натиҷаҳои кори диссертатсия 7 кори илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва 2 фишурдаи мақолаи илмӣ як монография дар ҳаммуаллифи ба табъ расидаанд. Автореферат бо забони фаҳмо навишта шуда инъикоси пурраи рисолаи илмӣ ва мақолаҳои чопшуда мебошад.

Ҳамин тавр бо назардошти муҳимият, навгонии илмӣ, аҳамияти амалии генетикию селексионӣ, боэътимодии ҳисобгириҳо ва тавсияҳои пешниҳод шуда, чунин меҳисобам, ки диссертатсияи Дилшоди Ҳабибулло дар мавзӯи: “Тағйирпазирии генотипии аломатҳои аз ҷиҳати хоҷагидорӣ фоиданок дар баъзе навъҳои гандум ва ҳамавлоди ёбоии онҳо дар шароити водии Ҳисор” таҳқиқоти комилу анҷомёфта буда, мазмуни он бо муҳтавои дар автореферати диссертатсия оварда шуда мувофиқат менамояд. Мақолаҳои илмии чопнамудаи муҳаққиқ мазмун ва мӯҳтавои асосии диссертатсияро инъикос мекунанд. Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон комилан ҷавобгӯ мебошад. Муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯи ихтисоси 6D060707 – Генетика мебошад.

Сардори Раёсати магистратура,
аспирантура ва докторантураи
PhD АМИТ, н.и.б. Мамадюсуфова М.Ғ

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ОТДЕЛ КАДРОВ И СПЕЦИАЛЬНЫХ РАБОТ